*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

27 апрели соли 2021

№ 7-8 (137-138)

## ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР



20-уми апрели соли 2021 бо мақсади омӯзиш ва шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» гурӯҳи кории тарғиботию ташвиқотӣ дар ҳайати Муинӣ Мавсума Муинзода – муовини Раиси шаҳри Душанбе, Ҷамшед Олимов – мудири шуъбаи иттилооти дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, Фатҳиддин Солеҳов – мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, Раҳимзода Шоҳзод – сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе, Рауфзода Сухроб – директори муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе», Дилшоди Ҷамшед – сармутахассиси шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе бо омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон воҳӯрӣ баргузор намуданд.

Воҳӯриро ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур оғоз намуда, меҳмононро ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд. Сипас, Мавсума Муинзода доир ба аҳамият ва муҳтавои Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуданд. Мавсума Муинӣ аз ҷумла дар бораи пешрафт ва ободии шукуфоии пойтахти мамлакатамон – шаҳри Душанбе, сохта ба истифода додани иншоотҳои наву замонавӣ ва ба ин васила ташкил гардидани ҷойҳои нави корӣ, инчунин дар бораи тозаву озода нигоҳ доштани гулгашту хиёбон ва кӯчаву гузаргоҳҳои шаҳр ҳарф зада, нақши ҳар як фарди ватандӯсти кишварро ҷиҳати корҳои ободонию созандагӣ ва сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ кард.

Рауфзода Сухроб зимни суханронӣ дар бораи илму маориф ва озмунҳои ҷумҳуриявии “Илм – фурӯғи маърифат”, “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ва “Тоҷикистон Ватани азизи ман” ҳарф зада, даъват ба амал овард, ки ҳар як фарди баору номус ва ватандӯст аз ин гуна чорабиниҳо худро дар канор нагирифта, барои пешрафту тараққиёт ва дар сатҳи олӣ ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии кишвари азизамон камари ҳиммат баста, ба халқу Ватани азизи хеш софдилона хизмат намояд.

Дилшоди Ҷамшед дар бораи дастовардҳои даврони истиқлолият, пешрафту шукуфоии кишвари маҳбубамон сухан гуфта, нақши Президенти мамлакат- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин хусус бесобиқа арзёбӣ кард.

Ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур дар бораи муҳтавои Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, онро барои тамоми соҳаҳо ва боз ҳам беҳтар гардидани рӯзгори мардуми кишвар дастури роҳнамо маънидод кард ва иброз дошт, ки коллективи донишгоҳ дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ фаъолона иштирок карда, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ хоҳанд намуд.

**Н. ҲУСЕЙНОВ,**
**мудири шуъбаи ташкилию тарбиявӣ**
**Р. МАСЪУД**



## ҲАДАФ: АМАЛИГАРДОНИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР





Дар шароити имрӯзаи пешрафти иқтисодӣ соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисоди миллӣ махсуб ёфта, таъмин намудани рушди он яке вазифаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади рушди соҳаи саноат, ки заминаҳои он дар асоси се ҳадафи умумимиллӣ фароҳам оварда шудаанд, саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегӣ эълон гардид.

Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Амалигардонии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ: проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли он», ки рӯзҳои 23 - юм ва 24 - уми апрели соли 2021 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон гузаронида шуд, дар самти саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳа ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта нақши бориз хоҳад гузошт.

Конференсия ба ғайр аз ҷаласаи ифтитоҳӣ панҷ бахш: саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди соҳаи хӯрокворӣ; такмилдиҳии равандҳои технологии соҳаҳои саноати сабук зимни амалишавии барномаи давлатии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон; татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар корхонаҳои саноатӣ; саноатикунонии босуръат – асоси рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҷойгоҳи илмҳои гуманитарӣ дар раванди амалигардонии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифта, дар он 132 маърӯзаи илмӣ, аз ҷониби омӯзгорон ва олимону мутахассисон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.

Ҷаласаи ифтитоҳии конференсияро муовини якум, муовини ректор оид ба таълим Тошматов Маҳмуд Неъматович оғоз намуда, сухани табрикотии ректори донишгоҳро ба аҳли толор қироат намуд ва ба кори конференсия барор хост.

Сардори раёсати муассисаҳои таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзизода Акрам зимни суханронӣ аз хусуси дастовардҳои саноатчиёни кишвар ва саҳми олимону мутахассисони соҳа дар рушди босуръати он ёдовар шуда, бахри рафъи мушкилоти ҷойдошта андешаҳояшро баён намуд.

Гузоришҳои илмии и.в.профессор Тошматов М.Н., дар мавзӯи «Андухт ва сармоягузорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», дотсент Ҷумабоев Ҳ.Қ. – директори Институти молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар бораи «Самтҳои такмили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», Икромӣ М.Б., дар мавзӯи «Пайвастҳои фенолии табиӣ дар технологияи истеҳсоли маводи хӯрока», дотсент Юсупов М.Ч., дар мавзӯи «Моделронии математикии баходиҳии оқибатҳои тағйирёбии иқлим ба хоҷагии қишлоқ», н.и.т Ҷалилов Ф.Р., дар мавзӯи «Истеҳсол ва истифодаи матоҳои бисёркабатаи сохторашон дар шакли канду», ки самтҳо ва паҳлуҳои гуногуни соҳаи саноатро дар бар мегирифтанд, ба рушди босуръати саноатикунонии мамлакат мусоидат хоҳанд намуд.

**Р. ШАРИФ**

# ДАР АРЗҲОИ ДӮСТӢ



Тавре огаҳӣ дорем, аз 30-юми март то 1-уми апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аввалин намоишгоҳ-ярмаркаи “Study in Ukraine” дар Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он наздики 90 нафар намояндаи Вазорати маориф ва илми Украина ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии он бо роҳбарии вазири маориф ва илм Шкарлет Сергей Михайлович ширкат намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки 31-уми марти соли 2021 дар доираи Намоишгоҳ-ярмаркаи «Таҳсилот дар Украина» як зумра роҳбарон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Украина ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ташриф оварда, бо ректори донишгоҳ, Амонзода Илҳом Темур ҳайати раёсат ва дигар шахсони масъул вохӯрӣ доир намуда, раванди ҳамкориҳои муштаракро баррасӣ карданд.

Дар мулоқот ҷонибҳо дар самти хуб ба роҳ мондани ҳамкориҳои муштарак табодули афкор намуда, дар зимн миёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Украина, аз ҷумла бо Донишгоҳи миллии технология ва дизайни Киев (ректор Гришенко Иван Михайлович), Донишгоҳи миллии политехникии Чернигов (Новомлинетс Олег Александрович), Донишгоҳи миллии технологии Черкаск (Григор Олег Александрович), Донишгоҳи давлатии химикӣ-технологии Украина (Сухий Константин Михайлович), Донишгоҳи миллии авиатсионии Украина (Лутский Максим Георгиевич) ва Донишгоҳи миллии политехникии Полтавск ба номи Юрий Кондратюк (Онишенко Владимир Александрович) созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расониданд.

**Ш. НАЗАРОВ,**
**мудири шуъбаи равобити хориҷӣ**

# АҶАБ ШАҲРИ ДИЛОРОЙ, ДУШАНБЕ!

Рӯзи пойтахт, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҳамасола шанбеи сеюми моҳи апрел таҷлил карда мешавад, имсол ба 17-уми апрел рост омад. Дар боғи фарҳангу фароғатии ба номи Абулқосим Фирдавсии пойтахт ба ин муносибат сайругаштҳои оммавии сокинон ва чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор гардиданд, ки дар онҳо дастаи ҳунарии “Зуҳал”-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, бо суруду таронаҳои дилнишини дар васфи Душанбе, Тоҷикистон, Модар ва манзараҳои зебою нотакрори пойтахт бахшидашуда, табъи шаҳрвандон ва меҳмонони пойтахтро болида гардониданд.

**Шӯъбаи тарғиботию фарҳангӣ**





# ДАВРИ ШАҲРИИ ОЗМУНИ “САЙРИ ГУЛИ ЛОЛА”

Бо ташабусси Ҳукумати шаҳри Душанбе 3-юми апрели соли 2021 даври шаҳрии озмуни гулҳо “Сайри гули лола” дар Муассисаи давлатии “Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи С. Айнӣ” баргузор шуд. Дар озмун мудири кафедраи дизайн М. Соҳибназаров, мудири бахши занон ва духтарони донишгоҳ Н. Комилова ва донишҷӯдухтарони донишгоҳ ширкат варзиданд. Дар озмун расму анъанаи ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ ба намоиш гузошта шуда, аз ҷониби ҳофизони шинохтаи ҷумҳурӣ барномаи консертӣ манзури иштирокдорон гардонида шуд.

# ДАВРИ НИҲОИИ ОЗМУНИ “САЙРИ ГУЛИ ЛОЛА”

11-уми апрели соли 2021 дар Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Душанбе даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии гулҳо “Сайри гули лола” баргузор гардид. Дар озмун омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ низ фаъолона иштирок намуданд. Аз ҷониби Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдуҷаббор Раҳмонзода ба ғолибони озмун, ки аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон буданд, сипосномаву ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

**Н. Комилова, мудири бахши занон ва духтарони донишгоҳ**



# ОЗМУНИ “КАДБОНУИ БЕҲТАРИН”

Дар Муассисаи давлатии “Боғи Ирам” 10-уми апрели соли 2021 озмуни ҷумҳуриявии “Кадбонуи беҳтарин” гузаронида шуд, ки дар он муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ Абдумуминзода Ситора, мудири бахши занон ва духтарони донишгоҳ Н. Комилова, мутахассиси шуъбаи ташкилию тарбиявӣ Х. Баҳронова ва як гурӯҳ донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд. Ҳар як мактаби олӣ ба як минтақаи Тоҷикистон вобаста шуда буд. Донишҷӯи курси 2-юми факултети муҳандисӣ- технологии донишгоҳ Ҷумахонзода Умарҷон вобаста ба минтақаи Хатлон тарзи омода намудани талқонро пешкаши аъзои ҳакамон гардонид. Барномаи консертӣ бо иштироки ҳофизони шинохтаи ҷумҳурӣ манзури тамошобинон гардонида шуд.




Дар хотимаи озмун барои иштироки фаъолона ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Сипоснома супорида шуд.

**Х. БАҲРОНОВА,**
**мутахассиси шуъбаи ташкилию тарбиявӣ**

# ОЗМУНИ “ИЛМ – ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ”



16- уми апрели соли ҷорӣ бо мақсади амалигардонии «Бистсолаи (2020-2040) омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», дар факултети технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионии донишгоҳ озмуни “Илм – фурӯғи маърифат” дар номинатсияи математика ва технологияи информатсионӣ гузаронида шуд.

Дар озмун дар номинатсияи математика 49 нафар ва дар номинатсияи технологияи информатсионӣ 27 нафар донишҷӯ иштирок намуд, ки аз онҳо 9 нафарашон (6 нафар аз номинатсияи математика ва 3 нафар аз номинатсияи технологияи информатсионӣ) ғолиб дониста шуда, ба даври навбатӣ роҳ ёфтанд.

**М. ШАРИПОВА**





## ДТТ ҒОЛИБИ МУСОБИҚАИ ВОЛЕЙБОЛ

Бо ибтикори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-ум то 12-уми апрели соли 2021 мусобиқаи варзишӣ аз намуди волейбол миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои қудратӣ ва корхонаю идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Мусобиқа аз рӯи системаи даврӣ тибқи қоидаҳои ФИВБ гузаронида шуда, бозиҳои даврӣ дар 3 қисм ва бозиҳои финалӣ дар 5 қисм сурат гирифтанд.

Дар даври финалии мусобиқа дастаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бар дастаи Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия ғолиб омада сазовори ҷойи аввал гардид ва аз ҷониби масъулини чорабинӣ бо Ҷом, медал, Ифтихорномаи дараҷаи 1 ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуд.

**Шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш**

## НИММАРАФОНИ XI БАЙНАЛМИЛАЛӢ




17-уми апрели соли 2021 бахшида ба таҷлили Рӯзи пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе Ниммарафони XI байналмилалӣ баргузор гардид. Мусобиқаи байналмилалии мазкур бо мақсади устувор намудани робитаҳои ҳамкорӣ бо бародаршаҳрҳо ва шаҳрҳои бо шаҳри Душанбе ҳамкории судманди иқтисодиву иҷтимоидошта, дар асоси татбиқи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарори марбутаи Раиси шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Ниммарафони XI байналмилалии Душанбе, ки масофаи 21 километру 97 метрро дар бар мегирад, аз майдони назди «Наврӯзгоҳ»-и пойтахт шурӯъ шуда, дар майдони «Дӯстӣ», назди муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ ба поён расид.

Дар Ниммарафони XI байналмилалии Душанбе Раёсат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуданд.

**Шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш**

## ВОХӮРӢ ДАР ХОБГОҲИ ДОНИШҶӮЁН

Дар доираи нақшаи чорабиниҳои Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон вохӯрии муовини ректор оид ба тарбия С.Абдумуминзода бо донишҷӯёни хобгоҳи донишгоҳ баргузор гардид. Қайд карда шуд, ки истиқоматкунандагони хобгоҳ бояд рафтори намунавӣ нишон дода, тартиботи дохилии хобгоҳро пурра риоя намоянд. Ҳисси баланди ватандӯстӣ дошта, ифтихор аз Ватану миллати хеш кунанд. Ба ҳар гуна амалҳои нангин даст назада, гирифтори фиреби одамони хурофотӣ нагарданд. Ҳамеша ақли солимро ба кор баранд.

**Департаменти корҳои тарбиявӣ**

## ПЕШГИРИИ АМАЛҲОИ НОМАТЛУБ

Бо мақсади пешгирӣ ва роҳ надодан ба коррупсия, шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ва риояи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" департаменти корҳои тарбиявӣ дар асоси нақша-чорабиниҳои тартибдодашуда, ки аз ҷониби раёсати донишгоҳ тасдиқ гардидаанд, гузаронидани суҳбату вохӯриҳо, викторинаҳо ва мизҳои мудавварро бо донишҷӯён дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондааст.

Маврид ба зикр аст, ки баргузории чунин чорабиниҳо бо усули факултет ба факултет натиҷаи хуб дода истодааст. Аз ҷумла, чанде пеш дар факултети иқтисодиёт ва молия муовини ректор оид ба тарбия Ситора Абдумуминзода бо устодону донишҷӯёни факултет вобаста ба масъалаҳои зерин: коррупсия зидди пешрафти ҷомеа; шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо ва оқибатҳои нохуши он; риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"- роҳ ба сӯи ояндаи пурсаодат, вохӯрии судманд баргузор намуд. С. Абдумуминзода ба тафсил дар бораи сабабҳои даст задан ба амалҳои коррупсионӣ ва роҳҳои пешгирии чунин омилҳои номатлуб ҳарф зада, таъкид намуд, ки маҳз ноогоҳӣ, зудбоварӣ ва камсаводиву бесаводии бархе аз ҷавонон боиси шомил шудани онҳо ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгаро мегардад. Аз ин рӯ, - гуфт ӯ, -ҷавонони моро зарур аст, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надода, илму дониш омӯзанд ва баҳри ободиву шукуфоии кишвари азизамон саҳми арзандаи худро гузоранд.

Чунин вохӯриҳои судманд дар дигар факултетҳои донишгоҳ низ баргузор карда шуданд.

**Р. ШАРИФ**

## ЗАБОНДОНӢ БА ВОЛОӢ РАСОНАД

**«Миллате, ки арзишҳои миллии хешро қадр карда наметавонад, қиммату манзалати забони миллати ғайрро низ эътироф наметавонад кард».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Забон муҳимтарин воситаи муоширати инсоният мебошад. Забон ҳар миллатро ҳамчун унсури ҳатмии фарҳанг аст. Бинобар ин, тарбият ва таълими насл мебояд дар забони миллӣ поягузорӣ шавад ва баъдан такопӯи донишҷӯй дар забонҳои дигар идома ёбад. Барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ мобояд, пеш аз ҳама забони модарии хешро ба хубӣ донем. Озодона ҳамаи соҳаҳои ҳаёти худро омӯхта аз худ намоем. Бехуда нагуфтаанд:

**Ҳар кас ба забони худ**
**сухандон гардад,**
**Донистани сад забон**
**осон гардад.**

Асри охир даврест, ки зимоми илму дониш аз дасти Шарқ ба дасти Ғарб гузаштааст. Пас, роҳ ба сӯйи дарёфт ва бархӯрдории маърифати Ғарб, пеш аз ҳама, донистани забонҳои ғарбист, ки ин вақт яке аз забонҳои маъмул ва ривоҷёфтаи он забони англисӣ мебошад. Забони англисӣ яке аз забонҳои бузургтарини ҷаҳон ба шумор рафта, шумораи одамоне, ки дар ҷаҳон бо он гуфтугӯ менамоянд зиёда 1,5 млрд мебошад. Забони англисӣ дар 58 давлати дунё мақоми давлатӣ дошта, ватанаш Британияи Кабир мебошад. Забони англисӣ забони ҷаҳонӣ эътироф шуда, зиёда аз нисфи кишварҳои дунё бо ин забон дар донишгоҳҳову марказҳои таълимӣ ба мардум дарс меомӯзанд. Маҷлисҳову корҳои тиҷоратӣ асосан байни давлатҳои дунё бо забонӣ англисӣ сурат мегирад.

Забондонист, ки фардияти тоҷик бо ҳамаи кишварҳои дунё робитаҳои дӯстӣ дорад. Фарзанди миллати тоҷик кормандони бузурги давлатҳои тараққикардаи дунёанд. Фарзанди тоҷик бо забонҳои англисӣ, немисӣ, русӣ, чехӣ озодона дар гуфтугӯянд. Ин албатта, фахри давлату миллати тоҷику тоҷикистониён аст.

Хулоса, забондонӣ — ҷаҳондонист, бузургист, сарбаландист, ифтихор аст, ки дар ҳама гуна лаҳзаҳои ҳаёт чӣ ғаму дард ва чӣ хушию шодмонӣ инсонро ёвару мададгор, дилбардору эҳсосгар аст. Донистан ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ миллатро ба бузургӣ, фардро ба воломақомӣ ва давлатро ба пешравию муваффақият ноил мегардонад. Сарбаланду боифтихор аст, фарде, ки донандаи чандин забон асту ҳеҷ гоҳ дар ягон маврид дар намемонад.

Забондонӣ дар ягон давру замон падидаи номатлуб нахоҳад буд. Он ҳамеша зарур, поянда ва боиси ифтихори баланд буда, шахси забондон чун шамъи равшангар ва маҷлисорой ҳамаи анҷуманҳоро равшанию нур ва хушиву сурур мебахшад.

**Забондонӣ ба волоӣ расонад,**
**Зи гумроҳию нодонӣ раҳонад.**
**Касе к-ӯ беш омӯзад забоне,**
**Расидан бар муроди дил тавонад.**

**Ф. МИРЗОЕВА,**
**муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ**

## KNOWLEDGE IS A POWER

Knowledge is the light of the mind, the strength of the heart, wealth and a great source of light, which removes one from all kinds of suffering, pain, depression and need. Knowledge is the source of grace and perfection for man and makes him great. A wise person does not face difficulties at any time, because his great knowledge guides him in the right and effective way. Through the great intellect and wisdom he has acquired on the path of knowledge, he can become an entrepreneur, educated and respected.

Scientists are respected and remembered. In memories, parties, in all cases are in the hearts and minds of the people. It is not easy to acquire great knowledge and skills. A person who tries in the way of learning, although it is difficult, learns something with all the difficulties, shortcomings and hardships in order to become a scientist, because a knowledgeable person is an owner. Knowledge is a great treasure in the world.

There is nothing more precious than knowledge. Because it protects man from scarcity, heat, cold, depression and need like a great spring. So it takes a lot of effort to learn all the time. If there is no source of learning, one can learn from the ignorant and look at him with the eyes of the heart and look at him with the intellect. It will also increase your knowledge. By learning a new language, by learning a different meaning, one can enlighten another world. A great meaning of life. changes humanity, guides it to the right path.

The real man is constantly striving to learn science and acquire knowledge and virtue. Taking advantage of the opportunity, he develops his knowledge over time. He does not seek to accumulate wealth. Because science, knowledge and wisdom should always be in the first place in life. It is necessary to strive to spend every day of life in pursuit of great knowledge and intelligence. Not in pursuit of property.

The increase of knowledge makes a person full-fledged, enlightened, professional and wise. It is said that wisdom and knowledge provide food for an educated person. A person who does not have great wisdom and knowledge, he is seen as a person who is deprived of food and is seen as a finger in the coffin of society. Increasing the knowledge of each person depends on the level of his education.

Learning and studying are great human missions. He who does not fulfill these missions cannot be among the people and will be directly condemned by those around him. But the personality of a scientist is recognized and respected by all. If only their children mourn the death of fools, the world will mourn the death of the scientists, because they have won the hearts of the world with their great wisdom and knowledge. In order to acquire more knowledge, it is necessary to read more books, because the source of all learning and knowledge comes from books.

Knowledge is the light of the mind, from which the eyes receive bright and light, and the heart from which joy and happiness. A learned person is the jewel of every convention. If we strive to learn science and acquire knowledge from childhood to death, it will not be a mistake, because the most important and best practice in the life of a real person is to learn science.

**The Senior Teacher of the Department of Foreign Languages**
**Mirzoeva Farzona Saidahmadovna**

# ИНСОН ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

*Хонандаи азиз! Ҳайати эҷодии рӯзномаи “Фановар” тасмим гирифтааст, ки дар саҳифаҳои рӯзнома гӯшаеро бо номи “Инсон ва ҳолатҳои фавқулодда” таъсис диҳад ва доир ба ин мавзӯи хеле муҳим мавод рӯи чоп оварад. Инак, мусоҳибаи хабарнигори рӯзнома Раҷабалӣ Шарифро бо омӯзгори калони фанни мудофиаи гражданӣ Шамсуддин Абдуллоев манзуратон мегардонем.*

**Савол: устоди муҳтарам, ҳамчун мутахассис вобаста ба самти фаъолияти соҳаи мудофиаи гражданӣ калимаи «Фавқулодда»-ро шарҳ медодед?**

**Ҷавоб**: калимаи «Фавқулодда» арабӣ буда, аз ду реша: “фавқ” ва “ъодаҳ” иборат аст, ду ҳарфи дигар “алиф - ا ” ва “лом - ل” ҳамчун бандаки изофӣ ду решаро ба якдигар мепайванданд. Решаи “фавқ - فؤق” - маънои “боло” ва ё “аз болоӣ”-ро ифода намуда, решаи “ъодаҳ - هداع” – одатӣ будани ҳаёти инсониро бо табиат мефаҳмонад. Аз ин ҷост, ки дар одатӣ будани ҳаёти мову шумо бо табиат аз боло ягон таассурот, ё чизе ба истилоҳи замон ғайричашмдоштро шахс интизор нест, яъне ногаҳон сар мезанад, ба вуқӯъ мепайвандад ва зарараш ба инсон мерасад, фавқулодда ҳисобида мешавад.

**Савол: Таъсис додани гӯшаеро дар рӯзнома бо номи «Инсон ва ҳолатҳои фавқулодда» чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

**Ҷавоб:** Таъсис додани гӯшаеро бо чунин ном бамаврид медонам ва фикр мекунам, ки масъули он кафедраи тарбияи ҷисмонӣ бошад. Ҳамзамон ризоияти сардори мудофиаи гражданӣи ДТТ-ро доир ба ин масъала қобили қабул мешуморам.

**Савол: Дар робита ба пешгирӣ, паст намудани хавфу хатар, омодагӣ ба ин ё он ҳолати фавқулодда ва таснифи ҳолатҳои фавқулодда чанд сухан мегуфтед.**

**Ҷавоб:** Пешгирӣ, эътино, паст намудани хавфу хатар ва пурзӯр гардонидани омодагии аҳолӣ ба ҳолатҳои фавқулодда дар ҷомеаи соҳибихтиёр ва демократии имрӯзаи мо вазифаест басо пурмасъулу саривақтӣ, ки дар партави иҷроиши Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ ба амал бароварда шуда истодааст.

Омодагӣ ба ин ё он ҳолати фавқулоддаро бо суханони шайх Саъдӣ метавон тақвият бахшид:

**Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ**
**бояд кард,**
**Дареғ суд надорад чу рафт кор**
**аз даст.**
**Ба рӯзгори саломат силоҳи**
**ҷанг бисоз,**
**Вагарна сел чу бигирифт,**
**сад нашояд баст.**

Оид ба таснифи ҳолатҳои фавқулодда гуфтаниам, ки ҳолатҳои фавқулодда ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда шудаанд:

табиӣ ва техногенӣ.

Табиӣ-ҳолатҳоеанд, ки аз фаъолияти инсонӣ вобастагӣ надошта, Офаридгор ва ё марбут ба илми имрӯза табиат ба мо ҷоиз медонад. Ҳолатҳои фавқулоддаи техногенӣ ҳолатҳоеанд, ки ба фаъолият ё бефаъолиятии инсон вобастагӣ дошта, онҳоро дар навбати худ аз рӯи хусусияти ба вуқӯъ омаданашон боз ба ду навъ ҷудо менамоянд, яъне экологӣ ва иҷтимоӣ. Дар маҷмӯъ қайд намудан лозим меояд, ки таснифи ҳолати фавқулодда ин мавзӯи алоҳидаест, ки баррасии он аз рӯйи барномаи омӯзишӣ дар ДТТ ба ду соати дарсӣ пешбинӣ шудааст.

**Савол: Ҳолатҳои фавқулодда кадомҳоянд?**

**Ҷавоб:** Мафҳуми ҳолати фавқулодда, ки дар моддаи дуюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” омадааст, чунин аст:

Ҳолати фавқулодда – вазъиятест, ки дар ҳудуди муайян, дар натиҷаи садамаҳо, зуҳуроти табиии хатарнок, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва дигар офатҳо ба вуқӯъ омада ба талафоти ҷонӣ, зарар ба сиҳатии одамон ё муҳити табиии атроф, хисороти назарраси моддӣ ва халалдор намудани шароитҳои зиндагию кории одамон оварда расонидааст ё оварда мерасонад.

Мафҳуми “Мудофиаи гражданӣ” бошад, дар моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиаи гражданӣ” ба таври зайл омадааст:

Мудофиаи гражданӣ – маҷмӯи чорабиниҳои умумидавлатии мудофиавӣ ва муҳофизатие мебошад, ки бахри ҳимояи аҳолӣ, иқтисодиёт ва қаламрави Тоҷикистон то оғоз ва ҳангоми сар задани амалиётҳои ҷангӣ равона карда шудаст.

Моддаи якуми Қонун «Дар бораи мудофиаи гражданӣ», ҳар яки моро мувazzaф менамояд, ки дар ҳифзи аҳолӣ, иқтисодиёт ва қаламрави кишвар саҳмгузор бошем.

Иҷрои ин вазифаи муқаддас на танҳо қарзи конститутсионии ҳар шаҳрванд, балки адои амали неки инсонии мост, ки худро ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ омода созем.

**Савол: Кадом хатар ва ё ҳолатҳо метавонанд боиси ташвиши аҳолӣ ва фаъолияти кормандони соҳа гарданд.**

**Ҷавоб:** Омилҳо ё хатарҳоеро, ки ба хонадони мо таъсири манфӣ доранд, ба таври зайл метавон мисол овард:

- тағйирёбии иқлими сайёра;
- масъалаҳои экологӣ ё тезутундшавии зиддияти талаботу фаъолияти инсон бо табиат, бо муҳити зист;
- бӯҳрони имон ё фасодии ахлоқ (деградация нравов);
- муборизаи (ҷангӣ) иттилоотӣ;
- тараққиёти пасти иқтисодиёт, ки сабабгори камбизоатист;
- ҳолатҳои фавқулоддаи табиию техногенӣ;
- яроқи қатли ом;
- терроризм ва экстремизм;
- бемориҳои оммавии одамону наботот (коронавирус «Ковид-19», бемории сил, полеомилит (касалии фалаҷ), сурхакон (корь), СПИД, ва монанди инҳо);
- бӯҳрони демографӣ ва ғайраву ва ҳоказо.

**Савол: Хатарҳо ва ё ҳолатҳоеро, ки номбар кардед боиси ташвиш буданд, пас роҳҳои халосӣ, имдод ё ҳифз аз онҳо кадомҳоянд?**

**Ҷавоб:** Фаъолият дар самти дифоӣ аз аввалҳои асри XX оғоз гардида буд ва то ба ҳол 3 усул ё тариқи классикии ҳифз мавҷуд аст (№1,2,3).

Ду тариқи дигар солҳои 70-80-и асри XX коркард шуда баромаданд (№4 ва 5).

Роҳҳо ва усулҳои ҳифзи аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ инҳо маҳсуб меёбанд:

1. Тахлия (эвакуатсия)-и аҳолӣ аз минтақаҳои хавфнок ё хатарнок ва ҷойгиркунии онҳо дар минтақаҳои камхавф, бехавф.
2. Истифодабарии воситаҳои ҳифзи фардӣ ва воситаҳои тиббӣ.
3. Иншоотҳои муҳофизатии мудофиаи гражданӣ.
4. Иҷрои чорабиниҳо оид ба муҳофизати зиддирадиатсионӣ ва зиддикимиёвӣ.
5. Саривақт огоҳонидани аҳолӣ.

Роҳи дигари ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодда, ки коркард гардида истодааст, он аст, ки бояд дар ниҳоди ҳамагон маданияти бехатариро ба таври зарурӣ такмил диҳем. Инчунин дониши соҳавиро бо таҷрибаи имрӯза марбут ба эътино, пешгирӣ, маҳдуд ва бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда сайқал дода, ба маҳорати «муқобилистӣ ба ҳолатҳои фавқулодда» табдил диҳем.

**Барои суҳбат ташаккур!**



# РОЛЬ МОЛОДЕЖИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Молодые люди – это опора и будущее нашей страны. Знают ли они об этом? Вероятно, догадываются. Какова же роль молодежи в современном обществе? В первую очередь главная задача подрастающего поколения – стать достойными гражданами той страны, в которой они родились. Человек, вступивший на путь взросления, всегда сталкивается с вопросом самоопределения. Он пытается найти себя и свою стезю. Исходя из этого, с течением времени он понимает, какую роль он будет играть в обществе. Каждый человек должен ставить своей целью улучшение своей страны и помощь людям. Именно это поможет сделать государство сильнее и лучше. Социальная роль молодежи в современном обществе – это развитие и перемены устоявшихся стандартов. Старшее поколение в большинстве своем консерваторы. Они не хотят менять ни техническое оснащение, ни свои взгляды. Молодежь воспринимает перемены как что-то естественное и очень логичное. Школьники, студенты и выпускники вуза с удовольствием получают новые знания и спешат применить их на практике. Улучшение своих навыков – вот истинная цель молодого поколения. Каждый человек стремится к самореализации. А зачем он это делает? Чтобы найти свое место в современном обществе. Молодежь стремится привнести в мир что-то новое.

Но оглядываясь в прошлое, мы можем сравнить поколения века минувшего и века настоящего.

Хотелось бы отметить и некоторое негативное влияние технологий. Сейчас нередко можно встретиться с тем, что молодёжь предпочитает проводить время в виртуальном мире, вместо реального общения со сверстниками, активного отдыха или занятием спорта. Показ безнравственных, жестоких мультфильмов и сериалов также оказывает отрицательное влияние. Именно персонажи фильмов, а не родители, бабушки и дедушки рассказывают о добре и зле о том, что такое хорошо, и что такое плохо. Может быть, поэтому нам всё чаще приходится сталкиваться с жестоким их неуважением не только, друг к другу, но и к старшему поколению.

На мой взгляд, проблему занятости молодёжи, подростков можно решить путем привлечения их к общественной работе, и к занятие спортом помочь им развить их интересы, раскрыть таланты. Формирование толерантного, подрастающего молодого поколения становится одной из главных стратегических задач развития страны.

Молодость – это самая прекрасная пора в жизни каждой личности. Пора, когда человек особенно чувствует избыток физических сил и гибкость тела, быстрым темпом обогащается ум, расширяется горизонт его познания. Если ум, силу, волю молодых людей направить в нужное русло, помочь им развить их интересы, инициативу, то наша страна будет идти по пути к процветанию, к светлому будущему.

**Мадаминова Гавхар Нуралиевна,**
**ассистент кафедры экономической теории и экономики развития Технологического университета Таджикистана**

# НОМА БАЁНГАРИ АНДЕШАҲОИ АДАБИВУ ЭСТЕТИКИИ САДРИДДИН АЙНӢ

**Садриддин Айнӣ (1878-1954) яке аз саромадони адабиёти тоҷик дар садаи XX буда, бо афкори адабиву илмӣ, таърихӣ, забоншиносӣ ва рӯзноманигории худ адабиёту фарҳанги тоҷикро дар давраи нави таърихии он инкишоф додааст. Садриддин Айнӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва соҳаҳои гуногуни адабиёту фарҳанги миллати тоҷик як марҳалаи тозаеро ба асос гузоштааст. Сарнавишти устод Айнӣ ҳамчун фарзанди замони худ бо рӯзгори ҷомеаи тоҷик ҳамсон мебошад. Аз ин ҷост, ки таърих ва адабиёту фарҳанги нави миллати тоҷик ба фаъолият ва ибтикору заҳматҳои шабонарӯзии ӯ иртиботи ногусастанӣ пайдо кардааст.**

Нома ва номанигорӣ ҳамчун жанри мустақили насрӣ дар марҳалаи нави инкишофи худ аз эҷодиёти С.Айнӣ оғоз мегирад.Маълум аст, ки ӯ ҳанӯз дар даҳсолаи аввали садаи XX ба шакли наср дастурҳои таълимӣ, мақолаҳо ва баъзан мактубҳои шахсӣ - рукаот навиштааст. Адиб дар маҷмӯаи «Ёдгорӣ» менависад, ки «... то инқилоби октябр ягон порчаи адабии наср ба майдон наовардаам ва ҳар кас маро шоир мепиндошт». Аммо нависанда, илова бар ин, ки аз даҳаи дувуми қарни XX сар карда, ба насри маорифпарварона, таърихӣ, илмӣ ва ниҳоят бадеӣ мепардозад, махсусан солҳои сиюми асри мазкур ба навиштани нома эҳтиёҷ пайдо менамояд ва дар тӯли сӣ соли фаъолияти эҷодӣ даҳҳо мактубҳо ба унвони адибони солҳои сиюми тоҷик ва олимону донишмандон менависад ва ба воситаи ин навъи насрӣ афкори бадеӣ, илмӣ, иҷтимоӣ ва ҷомеашиносии хешро баён медорад. То ҳанӯз беш аз сад адад номаҳои С.Айнӣ ба чоп расидаанд.

С.Айнӣ ҳамчун поягузори насри нави тоҷик ба мукотиба аҳамияти ҷиддӣ медод. Ӯ ҳангоми дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намудан ва бо қозӣ Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ҳамкорӣ доштан аз номанигорӣ истифода мебурд. С.Айнӣ худ иқрор шудааст, ки мактубҳояш «ба дасти Садри Зиё бисёр» расидааст. Ҳамон айём аст, ки Садри Зиё дар наср маҳорат доштани С.Айниро дар номанигорӣ ва ба номаҳо ҷавоби мӯътамад гардониданиҳи ӯро ба мушоҳида мегирад ва бо ҳамин далел, дар «Тазкори ашъор» ном тазкираи манзумаш ба С.Айнӣ чунин баҳои адабиётшиносиро раво мебинад:

**... Ба назму ба насри сухан довар аст,**
**Зи насраш, вале назми ӯ хуштар аст.**

Дар шинохти С.Айнӣ навъи нома асари хурди насрие хоҳад буд, ки ба воситаи он, кас метавонад, андешаҳояшро дар ҳамаи мавзӯъҳои рӯзгор озода баён созад. Бинобар ин ки С.Айнӣ дар адабиёти тоҷики солҳои бистуму панҷоҳуми асри XX нақши муаллимӣ ва устодиро ба уҳда дошт ва дар маркази фарҳангии ҷумҳурӣ - Душанбе - Сталинобод дур буд, вазифаи омӯзгориашро барои адибони насли солҳои сиюм - Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода, М.Турсунзода, А.Деҳотӣ, Ҳаким Карим, Пӯлод Толис ва амсоли онон, ба воситаи нома анҷом медиҳад.



Яъне, С. Айнӣ ҳар андешаеро, ки дар боби ҳунари эҷодӣ ба адибе баён карданӣ мешавад, аз навъи нома истифода менамояд. Нависанда Абдусалом Деҳотӣ таъкид кардааст, ки номаҳои Садриддин Айнӣ дорои аҳамияти калони адабӣ ва илмиву фарҳангӣ мебошанд. Гоҳе дар нома андешаҳои адабии С. Айнӣ ба таърихи таълифи навиштаҳои адибе ва дигар масъалаҳои асарофаринӣ иртибот пайдо кардаанд. Дар қисме аз номаҳо масъалаҳои шахсӣ, оилавӣ, хоҷагӣ ва ҳатто баъзан тафсилоти тарзи кор ва зиндагии аҳволи ҳаррӯзаи С. Айнӣ ва ё аҳволи дӯстон, шогирдон ва ошноёнаш инъикос ёфтаанд, ки ба воқеаҳои ҷории замон бахшида шудаанд. Андешаҳои С. Айнӣ оид ба масъалаҳои адабӣ, илмӣ ва коргоҳи эҷодӣ такрибан дар ҳама номаҳои ӯ ба миён гузошта мешавад. Вақте ки С. Айнӣ ба адибе дар бораи коргоҳи эҷодӣ, тарзи асарофаринии худ андешаҳояшро ифроз медорад, мақсад ин аст, ки адиб мавриди назар таъкидҳои ӯро, агар салоҳ донад, ба назар бигирад, то ки асари меофаридааш аз нигоҳи бадеӣ сайқал ёбад. Устод дар номаҳояш одат доштааст, ки адиби ҷавонро сахт танбеҳ надиҳад, балки ӯро водор созад, ки кори эҷодӣ заҳмати шабонарӯзиро тақозо менамояд ва дар эҷоди асари бадеӣ ба мусолиҳакорӣ ва шитобзадагӣ дода шудан раво нест, зеро ба асари бадеӣ ҷомеа баҳо медиҳад.

Дар боби номанигории С. Айнӣ аз ҳама беш мактубҳои ӯ ба унвони А. Лоҳутӣ ба мушоҳида мерасад. Устод дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ доир ба мавзӯъҳои адабиёту фарҳанг муҳокима меронад. Ҳамчунин гоҳе аз нақшаҳои эҷодиаш А. Лоҳутиро огоҳ мекунад. Яъне, С. Айнӣ дар номаҳояш А. Лоҳутиро мақсади дарси эҷодкорӣ додан надорад, зеро дар шинохти С. Айнӣ А. Лоҳутӣ ба маслиҳатҳои адабии ӯ ниёз надорад, балки вай шоирест, ки дорои маҳорати баланди шеърофаринӣ мебошад. С. Айнӣ фақат дар як номааш ба А. Лоҳутӣ маслиҳат медиҳад, ки шахсҳои ҷудогонаро дар шеър овардан хуб нест. Баъдан ба исми Михоэлс, ки дар «Достони гул» А. Лоҳутӣ зикр намудааст, муҳолиф будани худро баён медорад.

Ба ҳамин тариқ, С. Айнӣ дар навиштани нома бисёр масъулият ҳис мекард. Мавзӯъро хеле дақиқ месохт. Дар иншои нома меъёрҳои онро, чӣ навъ муроҷиат карданро риоя менамуд ва эҳтироми ҳар қадом аз гирандаи мактубро ба ҷо меовард.

**Кубриё НУРОВА,**
**дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ**

# ЛОИҲАҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ САРЧАШМАИ ИНКИШОФИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

Тӯли чандин сол аст, ки дар литсейи инноватсионии “Душанбе ” байни хонандагон муаррифии лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ гузаронида мешавад. Хонандагони литсей таҳти роҳбарии омӯзгорон аз тамоми фанҳо мавзӯъҳоро интихоб намуда, кор карда ва пасон муаррифӣ менамоянд.




Қайд кардан ҷоиз аст, ки корҳои таълим ва тарбия дар мактаб танҳо бо гузариши дарсҳо маҳдуд намешаванд. Дар таълиму тарбияи насли наврас як қатор роҳу усулҳои фаъолгардонӣ мавҷуданд. Муваффақияти корҳои таълиму тарбия аз бисёр ҷиҳат ба вусъати корҳои тарбиявии беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ вобаста аст. Корҳои беруназсинфӣ истеъдоди эҷодии хонандагонро тараққӣ дода, барои муайян намудани роҳи минбаъдаи ҳаёти онҳо ёрӣ мерасонанд.

Ташкилу гузаронидани ин қабил озмунҳо ва ҷалби хонандагон ба фаъолияти илмиву эҷодӣ ва ихтироъкорӣ, дар самти дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии толибилмон ва омӯзгорони соҳибзавқи муассисаи таълимӣ нигаронида мешаванд. Ин иқдом низ аз ҷониби директори литсей Одинаева О.З пурра дастгирӣ ёфта, баҳри амалӣ гардидани он шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Тамоми корҳои хонандагон дақиқнигорона санҷида шуда, баҳогузорӣ ва қадрдонӣ мегарданд. Беҳтаринҳо баҳри иштирок ба даври шаҳрӣ роҳхат мегиранд. Натиҷаҳои солҳои охир шаҳодат медиҳанд, ки лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ихтироъкории хонандагони литсей дар даври шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ низ беҳтаринанд.

Чӣ тавре ки дар боло қайд карда гузаштем қабл аз муаррифии лоиҳаҳо шогирдон аз фанҳои гуногун мавзӯъҳои дилхоҳро бо ҳамроҳии омӯзгорон интихоб менамоянд. Коркарди супоришҳои лоиҳавӣ аз якчанд зинаҳо иборатанд. Аз ҷумла коркарди супоришҳои лоиҳавӣ (интихоби мавзӯъ, зермавзӯъ, омода намудани мавод, муайян карданы шаклҳои баёни ҷамъбастӣ), коркарди лоиҳа, ороиши натиҷаҳо (тарҳи айёнӣ ва ба слайдҳо), муаррифӣ ва арзёбӣ. Малакаҳои тадқиқотии хуб ба монанди ошкор кардани проблема, ҷамъ овардани маълумот, мушоҳида, таҷриба, таҳлил, тахияи ақидаҳо, тартиб додани пурсишномаҳо, воҳӯриҳо бо ихтисосмандони тамоми соҳаҳои ҳаёт (вобаста ба мавзӯи интихобкарда), натиҷа аз кор ва хулосабарориро дар бар мегиранд. Лоиҳаҳои илмие, ки дар асоси ин гуфтаҳо таҳия мегарданд, натиҷаҳои хубро ба даст меоваранд.

Соли равон низ муаррифии лоиҳаҳои илмӣ дар литсей гузаронида шуд. Мавзӯъҳо хеле гуногун ва шавқовар буданд. Бароmadi хонандаи синфи 8 “б” Гулбарги К. “Ташаккули радио дар мавҷи ФМ дар Тоҷикистон” (бахши журналистика), Ғаюшов Абдусамад, хонандаи синфи 8 “а” “Мавқеи ҳиссачаҳо дар асари “Ғуломон”-и устод Садриддин Айнӣ” (бахши забони тоҷикӣ), Қодири Шифо, хонандаи синфи 8“в”, “Фалсафаи ҳаёт дар шоҳасари “Чор дарвеш” (бахши адабиёт), Шералиева С синфи 8 “б” “Инъикоси айёми ҷавонӣ аз нигоҳи адиби муосир Абдулҳамид Самад дар қиссаи “Парончакхо”” (бахши адабиёт), Дулиев М., синфи 10 “б” “Муҳаррики электрикӣ” (бахши физика), Зикиров Д., синфи 9 “в” “НБО-и хурд” (бахши физика), Султонова М., хонандаи синфи 7 “д” “Экология глазами математики” (бахши математика), Бахтиёри Х., хонандаи синфи 7 “е” “Аскаридоз у детей” (бахши биология), Ширинов Ш хонандаи синфи 10 “б” “Бемориҳои ишемикии дил” (бахши биология), Шарипов Р., хонандаи синфи 7 “е” “Геометрия в моде” (бахши геометрия), Ғуломмуҳидинов Ш., хонандаи синфи 10 “д” “Теория графов” (бахши алгебра), Ҳасанова А., хонандаи синфи 9“е” “Importance and difficulties of Phrasal verbs ” (бахши забони англисӣ), Гадоева Ф. ва Набиева П., хонандагони синфи 9 “в” “The position of adverbs in the novel” Invisible Man ”after Gerbart Wells” (бахши забони англисӣ), Эгамова Ш., хонандаи синфи 10 “в” “Зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар оила” (бахши ҳуқуқ), Давлатова Н., хонандаи синфи 9 “а” “Қарор ва фармони Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар бораи чопи китоби “Тоҷикон” ва тақсимоти он ба ҳар як хонадон” (бахши таърихи халқи тоҷик), хеле ҷолибу назаррас буданд.

Ҳамин тариқ, лаёқати озодона ва эҷодкорона дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳои илмӣ- тадқиқотӣ ва ихтироъкорӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки зина ба зина таҳқурсиеро баҳриояндаи худ гузошта, дар ин самт маълумоти кофӣ дошта бошанд ва баъдан онро пурраю мукаммалтар гардонанд.

**Р. ХАЙЛОЕВА,**
**омӯзгори литсейи инноватсионии “Душанбе”**

## БА МУНОСИБАТИ 110-СОЛАГИИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

# ШОИРИ СУЛҲПАРВАР



Инсон, аз ҷумла, шоиру нависанда дар мутаҳаррику инкишофёбанда умр ба сар бурда, доираи фаъолияти хешро ба хотири бузургии олам ва амалӣ шудани беҳтарин идеалҳои олии башар ва ҳаракату инкишоф муайян месозад. Шоиру нависанда хеҷ гоҳ аз доираи ин ходисаҳо берун буда наметавонанд, зеро амвоҷи укёнуси зиндагӣ ҳам худи онҳо ва ҳам қаҳрамони асари ононро ба оғӯши хеш гирифта, дар чараёни ҳаракату инкишоф ва шӯриши мавҷҳои зиндагӣ обутоб медиҳад. Ин обутоб боиси мукаммалии донишу андеша ва парвози эҳсосу тапиши дили суханвар мегардад, зеро ҳодисаву воқеаҳо чун ҳиссачаҳои ҳаракату инкишоф ба дилу шуури эҷодкор роҳ ёфта, ба эҷоди вай муҳри худро мегузоранд.

Ин суханон ба шоире дахл доранд, ки тамоми умраш ба тарғиби равобити байниҳамдигарии мардумони дунё, сулҳу дӯстии халқҳо сарф шудааст. Робита ва васфи сулҳу дӯстӣ сар то сари эҷодиёти шоири маҳбуб Мирзо Турсунзодаро ташкил медиҳад. Шоир тамоми фаъолияти адабӣ, ҷамъиятӣ, сиёсии хешро ба тарғибу ташвиқи робитаи байниҳамдигарии халқҳо ва сулҳу озодӣ бахшидааст.

**Менависам ман суруди сулҳро**
**бо хуни дил,**
**Бо тапиданҳои беороми рӯзафзуни дил.**
**То яроқи тез гардида ба**
**дасти дӯстон,**
**Ҷангҷӯёнро кунад шармандаи**
**рӯи ҷаҳон.**

Ашъори шоир саршор аз меҳру вафо, муҳаббати инсонӣ, дӯстиву рафоқати халқҳои ҷаҳон аст. Ӯ мунодии сулҳу дӯстии халқҳо буда, ғояҳои инсонпарварӣ, сулҳдӯстӣ, бародарӣ ва баробарии халқҳоро дар ашъор ва осори рангини худ тараннум намудааст.

Мавзӯъҳои оид ба робитаҳои байналхалқӣ, сулҳу дӯстӣ тавачҷуҳи шоирро аз солҳои 30-юми қарни гузашта ба худ ҷалб намудааст. Дар солҳои баъдиҷангӣ дар ашъори Мирзо Турзунзода мавзӯи сулҳ ва дӯстии халқҳо мавқеи намоёнро ишғол кард. Аз соли 1946 раиси Кумитаи якдилии халқҳои Осиё ва Африқо барои ҳамбастагии халқҳои олам чоннисорихо кардааст. Ӯро дар ҷаҳон ҳамчун шоири сулҳпарвар мешиносанд ва меписанданд.

Аз ҷумла, соли 1947 шоир ба Ҳиндустон сафар карда, бо таассуроти амиқ аз ин кишвари афсонавӣ баргашт ва як силсила шеъру достонҳо офарид, ки "Қиссаи Ҳиндустон" яке аз онҳост.

Ӯ борҳо ба кишварҳои Осиё ва Африқо сафар карда, аз минбарҳои баланди байналмилалӣ ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои халқҳои ҷафокашидаи Шарқ садо баланд мекард.

**Шодам, аммо меҳрӯрам ғамҳои**
**халқи дигаре,**
**Дар назар меоварам тороҷгашта**
**кишваре.**
**Халқи ҳиндуи ситамкашро расон**
**аз мо салом,**
**Эй, суруди ман, агар дорӣ ту**
**ҳам болу паре.**

Дар робитаи байни миллатҳо барои шоир мардуми тамоми сайёра баробар буд. Махсусан, бо дӯстии халқҳои Шӯравӣ эътимоди комил дошт ва онро месароид. Чунки самари дӯстии халқҳои Шӯравиро баъди Ғалабаи бузург дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ хуб эҳсос кард ва дар ин маврид боз ҳам зиёдтар дар ашъораш васф менамуд. Муттаҳидии халқҳо, барпо намудани оилаҳои гуногунмиллатро натиҷаи ғанӣ гаштани хазинаи маърифати инсонҳо мешуморид. Шоир хусусиятҳои хуби ҳар забонро эътироф мекард ва арҷ мегузошт. Осори А.Пушкинро аз ёд медонист, дӯст медошту ба он пайравӣ мекард.

Дар ин маврид гуфтааст:

**Пушкин!**
**Ту улфати пиру ҷавон гардидаӣ,**
**Узви ҳар як хонадони тоҷикон**
**гардидаӣ.**
**Дар дили халқию умри халқ бошад**
**пойдор,**
**Ҳайкали аъзам чу кӯҳӣ, кӯҳ бошад**
**барқарор.**

Бале, хонанда ба тавассути шеъру достонҳои шоир аз зиндагии миллатҳои гуногун огаҳӣ пайдо намуда ва ба хубӣ дарк карда метавонад, ки ҷараёни таъсири тарафайни фарҳангҳо як ҳодисаи табиӣ ва зарурист ва аз қонуни тараққиёти ҷамъияти инсонӣ бурун меояд. Асарҳои ӯ дорои муҳиммияти аввалиндараҷа буда, то ҳоло аҳамияти худро гум накардаанд. Шоири бузург ба бисёр давлатҳову шаҳрҳои ҷаҳон ба монанди: Деҳлӣ (1947), Врослав (1948), Париж (1949), Варшава (1953), Вена (1955), Стокголм (1957), Хелсинки (1962), Бейрут (1966), инчунин, ба Афғонистону Эрон, Ироқ, Колумбия, Мексика, Канада, Булғористон, Чехословакия ва ғайра сафарҳои корӣ кардааст. Аз фарҳангу маънавиёт, таъриху робитаҳои байни халқҳо аз наздик шинос шуда, мавзӯи сулҳу дӯстиро бо тасвири симои шахсони маъруфи сулҳхоҳ беҳтар ва барҷастатар дар ашъораш инъикос намудааст.

**Осиё гӯяд сухан, овози онро**
**бишнавед!**
**Мавҷи дарё, ғурриши баҳри**
**дамонро бишнавед.**
**Осиё бедор шуд, бедор, тарки**
**хоб кард,**
**Ростию дӯстиро оқибат дарёб кард.**

Мирзо Турсунзода дар ашъораш ба ғояи дӯстии халқҳо, таъсири адабӣ ва равобити адабӣ диққати махсус додааст. Таъкид менамояд, ки ин таъсирро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин нест.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷавҳари равобити адабии халқҳоро таъсири адабӣ ифода мекунад. Ин таъсир бо вуҷуди хусусиятҳои хоса доштанаш қариб дар тамоми шаклҳои равобити адабӣ дучор меояд. Аз ин рӯ, аксари адабиётшиносони Шӯравии собиқ ба чунин хулоса омадаанд, ки асрори зиёди робитаҳои адабӣ маҳз ҳамон вақт ошкор мегарданд, ки таъсири адабӣ бо тамоми ҷузъиёт ва ҷилову тобишҳояш омӯхта шавад.

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи ашъори Турсунзода даъват ба озодиву истиқлолият аст. Боз муҳимаш дар он аст, ки шоир зимни тасвири халқҳои хориҷӣ дар бораи зиндагии хушбахтонаи мардуми кишвари хеш, ободии он, инчунин, ба ғаму шодии тамоми халқҳои олам шарик шуда, сухан меронад. Ӯ худро як пораи олам медонад. Шодравон муҳаққиқ Ҳамрокул Шодиқулов дар як мақолаи худ, ки ба ҷашни 60-солагии Турсунзода бахшида шуда буд, гуфтааст: "Мирзо Турсунзода аз зумраи шоирони ангуштшумори тоҷик аст, ки масоили милливу умумиинсониро дар якҷоягӣ бо ҳам мавриди баррасӣ қарор дода, ки шахсияти онҳо ба як халқ дахл надорад, ё худ махсули эҷодиёти онҳо сарвати маънавии танҳо як халқ нест, балки чун фарзанди бузурги як халқ мояи ифтихори тамоми инсоният мебошанд".

Хусусан, шеъру достонҳое, ки ба халқҳои Ҳиндустону Покистон, Африқо бахшидааст, масъалаҳои шахсӣ, миллӣ бо масоили умумиинсонӣ тавъам ҳалли худро ёфтаанд. Аз ин рӯ, назар ба шеърҳое, ки дар мавзӯи дӯстии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ суруда шудаанд, ҷанбаҳои умумимиллӣ пурзӯртар аён мегарданд.

Ҳамин тавр, дар ашъори Мирзо Турсунзода як идда шеърҳое ҳастанд, ки ба намояндагони халқҳои гуногуни Шӯравӣ ва дигарон бахшида шудаанд. Шоир дар ҳар шеъраш ба такрор мегӯяд, ки дӯстии халқҳоро муқаддас донистан, чун гавҳараки чашм эҳтиёт кардан ва бо онҳо робитаи дӯстиву илмиву адабӣ намудан вазифаи ҷонии ҳар яки мост. Самимияти комиле, ки ӯ нисбат ба оини дӯстӣ дошт, барои имрӯзиён намунаи ибрат шуда метавонад.

**Мову ту одамони як Ватанем,**
**Якдилу якирода як суханем.**
**Писару духтари як падарем,**
**Шуълаи офтоби як саҳарем.**

**Гулистон ШАРИФОВА,**
**доктори илмҳои филология**

## ЧОЙХОНАИ ТОҶИКОНИ АМРИКО МАКОНИ ТАЪРИХӢ ЭЪТИРОФ ШУД

Пештар огоҳ будем, ки чойхонаи тоҷикии ба номи "Боулдер- Душанбе" дар иёлати Колорадои Амрико фароғатгоҳи писандидаи амрикоиҳо шудааст. Инак, ёдгории таърихӣ эътироф шудани он фараҳмандии моро афзуд.

Шӯрои шаҳри Боулдери иёлати мазкур чойхонаи тоҷиконро ба рӯйхати ёдгориҳои таърихии худ ворид карда, ба ҳифзи қисматҳои дохилӣ ва берунии он муваззаф гардид.

Шаҳрдори Боулдер Сем Вивер (Sam Weaver) чойхонаро "Ганҷинаи Боулдер" хонда, гуфт: "Мо ифтихор мекунем, ки шаҳри мо дорои чунин биное аз назари меъморӣ зебо ва саршори нафосати шарқиёна аст".

Ёдовар мешавем, ки соли 1987 Боулдер бародаршаҳри Душанбе шуд ва пас аз ин то соли 1990 чил устои кандакори тоҷик онро сохтанд.

**Таҳияи Бузургмеҳри Баҳодур**

## ЛАС – ВЕГАС ШАҲРИ ШАБ

Иёлати Муттаҳидаи Амрико дар рӯйхати кишварҳои тамошобоби олам ҷойи сеюмро ишғол намояд ҳам, аз ҷиҳати воридоти маблағ аз ҳисоби соҳаи сайёҳӣ пешсаф аст.

Хусусан, ҷазираҳои Гавайа ва бешазору ҷойҳои касногузари Аляска, инчунин, марказҳои дилхушии шаҳри Лас – Вегас, ки чун "Шаҳри шаб" машҳур гардидааст, барои ҷалб ва истироҳати бофароғати сайёҳон аз тамоми гӯшаю канори олам заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

**Таҳияи Гулнисои Саъдоншо**

## АКСЕ, КИ БА БОНУИ ТОҶИК ШУҲРАТИ ҶАҲОНӢ ОВАРД

Ба шарофати нашри акс дар муқоваи маҷаллаи "Огонёк" бонуи тоҷик Лола Исмоилова аввалин зебосанами олам эътироф гашта буд. Ӯ соли 1932 дар ноҳияи хушманзараи Ишкошим чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.

Соли 1949 намояндагони матбуоти марказии Иттиҳоди Шӯравӣ ба муносибати 20 – солагии таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба Душанбе ташриф оварданд ва дар доираи он бо мусоидати ректори вақти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллӣ) бо донишҷӯи факултети биологияи Лола Исмоилова вохӯрданд. Баъд аз ин, акси Лола бо либоси рубобнавозон дар маҷалла нашр шуд, ки ба ӯ шуҳрати ҷаҳонӣ овард.

**Таҳияи Меҳрангез Қодирова**

## ТӮЛОНИТАРИН БОЗИИ ҲОККЕЙ.
### *Он 252 соат давом кард!*

Моҳи феврали соли равон дар музофоти Албертаи Канада байни дастаҳои Team Hope ва Team Cure



тӯлонитарин бозии хоккей баргузор гардид, ки 252 соат давом кард ва бо ҳисоби 2649 : 2528 ба фоидаи дастаи Team Hope анҷом ёфт. Рақобат 4 феврал оғоз шуда, субҳи 15 феврал ба охир расид. Гуфта мешавад, ки бозӣ ҳатто шабона дар ҳарорати -55 градус чараён дошт.

Боиси тазаккур аст, ки бозии дарозмуддати хоккей пешниҳоди табиби дастаи "Эдмонтон Ойлерз" Брент Сайк буда, хайриявист ва аз соли 2003 роҳандозӣ шудааст.

Имсол аз ҳисоби ин бозӣ 1,8 миллион доллар ҷамъ оварда шуд, ки ба таҳқиқоти бемориҳои онкологӣ дар Донишгоҳи Алберта равона мешавад.

**Таҳияи Гулистон Мавлоназарова**

# ОЗМУНИ "ИХТИРОЪКОРОНИ ҶАВОН" – 2021

**Дар толори китобхонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки донишҷӯёни факултетҳо, олимони ҷавон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) ва хонандагони литсейи инноватсионии «Душанбе» озмуни ихтироъҳо ва беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионӣ баргузор гардид.**



Дар кори озмун муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода Умед, сардори раёсати муассисаҳои таълимии ҳамин вазорат Рӯзизода Акрам ва ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Озмунро муовини ректор оид ба илм ва татбикот Абдулазиз Ғаффоров оғоз намуда, нақши ихтироъкорӣ ва илму инноватсияро дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ кард ва сухани ифтитоҳиро ба ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур во гузошт.

Ректори донишгоҳ суханашро аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон шудани солҳои 2020 – 2040 «бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» оғоз намуда, меҳмонон ва ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳро хайрамақдам гуфт ва барои дар сатҳи баланд гузаронидани озмун ба иштирокчиён барору комёбӣ орзу намуд. Сипас, муовини вазири саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода Умед суханронӣ намуда, баргузории чунин озмунҳоро барои дарёфти ихтироъкорону навоварони ҷавон ва пешрафти соҳа муҳим арзёбӣ кард.

Рафти баргузории озмун аз тариқи шабакаи телевизионии "Ҷаҳоннамо" ва кормандони сектори барномаҳои телевизионӣ ва таълимию фарҳангии "Маърифат"



ба навор гирифта шуда, тавассути радиои донишгоҳ муаррифӣ гардид.

Озмун дар ду бахш баргузор шуд:

1. **Навоварӣ ва ихтироъ.**
2. **Лоиҳаҳои инноватсионӣ.**

Корҳои пешниҳодшударо дар бахши "Навоварӣ ва ихтироъ" аъзои ҳакамон дар ҳайати зерин баҳогузорӣ намуданд:

А. Ғаффоров, д.и.т., проф., муовини ректор оид ба илм ва татбикот (раиси ҳакамон);

А. Ҳасанов, н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи ОКИ ва ИП, муовини раис;

Г. Мирзозода – н.и.т., мудири кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрока (аъзо);

3. Яминзода– н.и.т., декани факултети муштараки Донишгоҳи

давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (аъзо);

Ш. Мирзоев, сардори шуъбаи таълимии ДТТ (аъзо);

О. Ҷӯраев раиси иттифоки касабаи ДТТ (аъзо);

М. Шеров, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши ДТТ (котиб).

Лоиҳаҳои инноватсиониро ҳакамон дар ҳайати зерин баҳогузорӣ карданд:

А. Ғаффоров, н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълимӣ (раиси ҳакамон);

А. Ҷаъфаров, сардори Маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимӣ (муовини раис);

3. А. Сатторов, н.и.и., дотсент, декани факултети иктисодиёт ва молия (аъзо);

4. М. Соҳибназаров, н.и.т., и.в.дотсент, мудири кафедраи дизайни либос ва санъати мӯд (аъзо);

5. М. Шарипова, н.и.х., дотсент, мудири кафедраи химия, (котиб).

Ба озмун 23 номгӯи ихтироъ ва зиёда аз 90 лоиҳаи инноватсионӣ пешниҳод гардида буд.

Баъд аз муаррифии ихтироъоту лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯён ва ҷамъбасти озмун, ҳайати ҳакамон ғолибонро муайян намуда, бо диплом, мукофоти пулӣ, сипоснома ва тухфаҳо сарфароз гардониданд.

**Дар бахши1. Навоварӣ ва ихтироъ.**

**Бо дипломи дараҷаи 1 барои ишғоли ҷойи якум ва мукофоти пулӣ ба миқдори 2500 сомонӣ.**

1. Маҳмудҷон Ризоев, хонандаи синфи 8^а литсейи инноватсионии "Душанбе" барои ихтирои "Чорчархаи баркӣ";

2. Искандар Тоҳиров, донишҷӯи курси 1 – уми ихтисоси 1-40010103 факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои ихтирои "Зиреҳи донои баданӣ (бронжилет) барои кормандони амният" ва "Дастгоҳ барои аз хок истеҳсол намудани ҷараёни барқ 220В".

**Бо дипломи дараҷаи 2 барои ишғоли ҷойи дуюм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 1500 сомонӣ.**

1. Мирзозода Фарида, донишҷӯи курси 2- юми ихтисоси 1-49010104 факултети муҳандисӣ – технологӣ барои ихтирои "Технологияи ҳосил намудани маҳсулот аз боқимондаҳои ангури саҳроии «Қара Гузал»,
- шароби «Кагор»,
- сиркои ангурӣ,
-ҷем,
- повидло,
- ширинӣ";

2. Алиев Рустам, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-45010301 факултети телекоммуникатсия ва таҳсилоти касбӣ барои ихтирои "Дастгоҳ барои безараргардонии дастҳо".

**Бо дипломи дараҷаи 3 барои ишғоли ҷои сеюм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 750 сомонӣ.**

1. Аслиддин Болтаев, донишҷӯи курси 1 – уми ихтисоси 1-40010101 факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои ихтирои "Сохтани Robot me Arm Car";

2. Кароматулло Асадуллоев, донишҷӯи курси 3 – юми ихтисоси 1-54010104 факултети технология ва дизайн барои ихтирои "Матои гармиҳосилкунанда".

**Бо мукофоти пулӣ ба миқдори 100 сомонӣ сарфароз гардонида шуданд:**

1. Амир Асадов, донишҷӯи курси 3–юми ихтисоси 1-40010102В факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои ихтирои "ФТИК Идоракунихои DRON";

2. Усмоналӣ Холматов, донишҷӯи курси 3 – юми ихтисоси 1-360901 факултети муҳандисӣ – технологӣ барои ихтирои "Технологическая схема производства хлебобулочных изделий функционального назначения";

3. Мунис Дулев, хонандаи синфи 10 ^б литсейи инноватсионии "Душанбе" барои ихтирои "Муҳаррики электрикӣ".

**Барои иштироки фаъол бо сипоснома ва соат сарфароз гардонида шуданд:**

1. Даврон Зикиров, хонандаи синфи 9 литсейи инноватсионии "Душанбе".

2. Нилуфар Акрамова, донишҷӯи курси 2 – юми ихтисоси 1-5010107 факултети технология ва дизайн.

3. Ҳикматулло Ғафуров, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-45010301 факултети телекоммуникатсия ва таҳсилоти касбӣ.

4. Зулхиҷаи С., донишҷӯи курси 3 – юми ихтисоси 1-50010105 факултети технология ва дизайн.

5. Исмоилбек Давлатзода, донишҷӯи курси 2 – юми ихтисоси 1-43010601 факултети телекоммуникатсия ва таҳсилоти касбӣ.

**Барои иштироки фаъол бо сипоснома сарфароз гардонида шуданд:**

1. С. Бурҳонова, донишҷӯи курси 4 – уми ихтисоси 1-50010201 факултети технология ва дизайн.

2. Ҷамшед Насимов, донишҷӯи курси 3 – юми ихтисоси 1-4901 факултети муҳандисӣ – технологӣ.

3. А. Мусоев, донишҷӯи курси 2 – юми ихтисоси 1-49010104 факултети муҳандисӣ – технологӣ.

**Дар бахши 2-юм. Лоиҳаи инноватсионӣ.**

**Равияи технологияи саноати хӯрока**

Ҷойи якум – Нозанин Қаландарова, донишҷӯи курси 2 юми ихтисоси 1-910101 факултети муҳандисӣ - технологӣ, дипломи дараҷаи 1 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 750 сомонӣ барои лоиҳаи "Коркарди навъи нави маҳсулоти қаннодии хусусияти функсионалидошта (Қандинаи анҷирӣ)";

Ҷойи дуюм – Музаффара Эгамова, хонандаи синфи 10б литсейи инноватсионии "Душанбе", дипломи дараҷаи 2 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 500 сомонӣ барои лоиҳаи "Влияние вульгарных акне на жизнь подросток";

Ҷойи сеюм – Ситора Рӯзиева, магистранти курси 1-уми ихтисоси 1-54010105 факултети муҳандисӣ - технологӣ, дипломи дараҷаи 3 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 250 сомонӣ барои лоиҳаи "Повышение качества кондитерских изделий путем использования пищевых добавок природного происхождения".

с. 8

# ОЗМУНИ "ИХТИРОЪКОРОНИ ҶАВОН" – 2021





**Равияи технологияи саноати сабук ва дизайн**

Ҷойи якум – Ирода Эгамова, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-50010101 факултети технология ва дизайн, дипломи дараҷаи 1 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 750 сомонӣ барои лоиҳаи "Таҳияи раванди технологии омодасозии ашёи хоми пахта барои нигоҳдорӣ ва коркард";

Ҷойи дуюм – Меҳрубон Назарова, донишҷӯи курси 2- юми ихтисоси 1-1901010504 факултети технология ва дизайн, дипломи дараҷаи 2 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 500 сомонӣ барои лоиҳаи "Ҳунари заргарӣ";

Ҷойи сеюм – Сабрина Бурхонова, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-50010201 факултети технология ва дизайн, дипломи дараҷаи 3 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 250 сомонӣ барои лоиҳаи "Тайёр намудани маснуоти рахти хоб аз пораҳои матоъ".

**Равияи ТИК ва телекоммуникатсия**

Ҷойи якум – Вадуд Ғафуров, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-40010101 факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, дипломи дараҷаи 1 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 750 сомонӣ барои лоиҳаи "Сохтани барномаи компютерӣ барои ношунавоён";

Ҷойи дуюм – Фаррух Маллаев, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-25010301 факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ, дипломи дараҷаи 2 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 500 сомонӣ барои лоиҳаи "Сомонаи "Bozor.tj";

Ҷойи сеюм – Фаридуни Тӯрахон, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010202б факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, дипломи дараҷаи 3 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 250 сомонӣ барои лоиҳаи "Сохтани сомона барои сайёҳони хориҷӣ".

**Равияи иқтисодӣ**

Ҷойи якум – Насиба Абдурахмонова, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010410 факултети иқтисодиёт ва молия, дипломи дараҷаи 1 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 750 сомонӣ барои лоиҳаи "Мусор золото 21 века";

Ҷойи дуюм – Шаҳодат Муродова, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010202 факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, дипломи дараҷаи 2 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 500 сомонӣ барои лоиҳаи Бизнес-нақшаи "Қаҳвахонаи вегетерианӣ";

Ҷойи сеюм – Дӯст Муҳаммад Сиддиқӣ, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-25010301 факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ, дипломи дараҷаи 3 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 250 сомонӣ барои лоиҳаи "Фаъолтар аз афкор".



**Барои иштироки фаъол бо сипоснома ва мукофоти пулӣ ба миқдори 100 сомонӣ сарфароз гардонида шуданд:**

1. Абдусамад Ғашзода, хонандаи синфи 8 «б» литсеи инноватсионии "Душанбе".

2. Сафия Шарифова, хонандаи синфи 11 «б» литсеи инноватсионии Душанбе.

3. Фирӯз Назруллоев, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-700501 ФМДДП ва ДТТ.

**Барои иштироки фаъол бо сипоснома ва соат қадрдонӣ гардиданд:**

1. Аҳмадҷон Хоҷаев, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010107 факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.

2. Мафтуна Холова, хонандаи синфи 11а литсеи инноватсионии "Душанбе".

3. Гулбарги Камолиддин, хонандаи синфи 8 «б» литсеи инноватсионии "Душанбе".

**Барои иштироки фаъол бо сипоснома сарфароз гардонида шуданд:**

Облоқул Каримов, докторант (PhD) соли 1-ум.

Идигул Абдураҳимова, магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-54010105 факултети муҳандисӣ - технологӣ.

Азиза Сангинова, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-1901010504 факултети технология ва дизайн.

М. Қосимзода, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-25020305 факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ.

Вализода Саид Нуралӣ, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-50010101 факултети технология ва дизайн.

Шарифамоҳ Холова, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-49010104 факултети муҳандисӣ - технологӣ.

Нилуфар Ҳамдамова, хонандаи синфи 10 «б» литсеи инноватсионии "Душанбе".

Асадулло Илёсов, хонандаи синфи 11 «а» литсеи инноватсионии "Душанбе".

Фараҳноз Хайруллоева, хонандаи синфи 11 «г» литсеи инноватсионии "Душанбе".

Сабзаева Моҳсафар, хонандаи синфи 10 «а» литсеи инноватсионии "Душанбе".

Раҳими Ромин, хонандаи синфи 9 «г» литсеи инноватсионии "Душанбе".

Зиёратшоҳ Абдуғаффорзода, хонандаи синфи 11 «а» литсеи инноватсионии "Душанбе".





Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха.